Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-003
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, шаҳри Душанбе,
к. Буни Ҳисорак, бинои таълимии 7)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Давлатзода Меҳроҷиддин Хайриддин дар мавзуи «Такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити маблағҳои буҷетӣ: назария, методология ва амалия», ки барои барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

Низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити маблағҳои буҷетӣ дар ташаккул ва инкишофи муносибатҳои молиявӣ нақши муҳимро иҷро менамояд. Банақшагирии молиявӣ, идоракунии маблағҳои буҷавӣ шарти зарурии болобурдани самаранокии захираҳои молиявӣ мебошад. Дар шароити муосир вобаста ба ҷорӣ намудани технологияи рақамӣ, гузариш ба низоми пардохти ғайринақдии маблағҳои андозӣ ва дигар пардохтҳо ба буҷет такмили низоми мазкур шарти зарурӣ мебошад. Буҷети давлатӣ ҳамчун воситаи асосии танзими молиявӣ ва идоракунии иҷтимоию иқтисодӣ дар ноил шудан ба рушди устувор, адолати иҷтимоӣ ва суботи иқтисодӣ дар мамлакат нақши ҳалкунанда мебозад. Ин махсусан барои мамлакатҳои рӯ ба рушд, ба мисли Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки захираҳои буҷетӣ манбаи асосии маблағгузории аксари самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ мебошанд, дахл дорад. Аз ин ҷо гуфтан мумкин аст, ки мавзуи интихобшуда хеле мубрам буда бо лоиҳаҳо ва барномаҳои стратегии давлатӣ ва соҳавӣ робитаи зич дорад. Аз ҷумла муҳимияти мавзуи мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки механизми ягонаи низоми муҳосибӣ ва аудит дар корхонаҳои буҷавӣ ва тиҷоратӣ такмилталаб мебошад.

Дар диссертатсия муаллиф дар асоси таҳлили масъалаҳои назариявии омузиши самаранок истифодабарии маблағҳои давлатӣ тавонистааст, ки онро

марҳилабандӣ намояд. Ин шакли марҳилабандии давраҳои рушди низоми баҳисобгирӣ ва аудити маблағҳои буҷетӣ имкон додааст, ки ташаккул ва инкишофи назарияҳо, амалисозии сиёсати муҳосибӣ ва мушкилоти ҷойдошта ошкор карда шавад (саҳ.24-25).

Инчунин муаллиф дар автореферати диссертатсия таҳқиқоти вобаста ба самаранок истифодабарии маблағҳои давлатиро (буҷетӣ) бо назардошти ақидаҳои мутаффакирони дунёи қадим Абу Юсуф, Форобӣ, Ибни Сино, М. Ғазолӣ, Ибн Ҳалдун ва ғайра гирд овардааст, ки боиси дастгирист. Афкори мутафакирони форсу тоҷик ба масъалаҳои давлатдорӣ, мақсаднок истифодабарии захираҳои пулӣ равона шуда заминаи мусоид барои инкишоф ва рушди илми муҳосибот буда метавонанд.

Дар диссертатсия муаллиф як қатор пешниҳодҳо ва хулосаю тавсияҳоро низ барои рушди минбаъдаи соҳаи мазкур тавсеа намудааст, ки дар сурати амалӣ гардидан ба мукамалсозии ин бахш оварда мерасонад.

Ҳамзамон дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар автореферати диссертатсия як қатор камбудиҳо мавҷуданд, ки ба инобат гирифтани онҳо аз нигоҳи мо зарур мебошад:

1. Дар автореферати диссертатсия муаллиф марҳилаҳои муосири рушди низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити маблағҳои буҷетиро дар ҷадвал оварда онро таҳлил намудааст. Аммо, ба ақидаи мо агар муаллиф ин таҳлилро аз марҳилаи пайдоиш ва инкишофи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити маблағҳои буҷетӣ оғоз мекард сифати кори анҷомёфта беҳтар мегардид;

2. Дар қисмати хулосаҳо муаллиф қайд менамояд, ки ташкили барномаи миллии такмили ихтисос ва сертификатсияи муҳосибон ва аудиторҳои бахши давлатӣ бо назардошти бозомӯзии ҳатмии кормандон дар ҳар 3-5 сол ҷорӣ карда, маркази таълимии аккредитатсияшудаи касбӣ таъсис дода шавад, асоснокии иловагиро талаб менамояд. Зеро ин масъала қисман ҳалли худро ёфтааст.

Қайд намудан ба маврид аст, ки эродҳои болозикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта сифати илмии кори диссертатсионии анҷомёфтаро коҳиш намедиҳанд.

Диссертатсияи мазкур кори илмии мустақилона анҷомёфта баҳисоб рафта дорои навгонӣ ва пешниҳоду хулосаҳои муҳим мебошад, ки дар оянда барои такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит метавонад мусоидат намояд. Маводҳои чоп намудаи муаллиф фарогири мазмун ва муҳтавои диссертатсия мебошад. Диссертатсияи Давлатзода Меҳроҷиддин Хайриддин дар мавзуи: «Такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити маблағҳои буҷетӣ: назария, методология ва амалия», ки барои барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба талаботи бандҳои низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ ҷавобгӯ буда худи муаллиф Давлатзода Меҳроҷиддин Хайриддин барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси болозикршуда сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодии**
**МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров",**
**д.и.и., профессор** **Алиджанов Д.А.**

Имзои мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ
д.и.и., профессор Алиджанов Д.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
"ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" Сайдуллозода З.С.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; (+992) 92 845 00 54
Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru

«_08_» _октябри_ соли 2025